20019 - Истифодаи кремҳои бе бӯй ҳангоми эҳром

савол

Оё истифода намудани мисвок, пастаи дандон, моддаҳои намноккунандаи пӯст ё кремҳои бе бӯй ҳангоми ҳаҷ мумкин аст?

Ҷавоби муфассал

Агар ин чизҳо бӯи хуш надошта бошанд, истифодаи онҳо манъ нест, зеро он чи дар ҳолати ихром мамнӯъ аст — бӯи хуш ё молидани чизе, ки бӯи хуш дорад, яъне атр.

Ибни Қудома дар мавриди маҳзуроти эҳром гуфтааст: агар бадан ё либосашро хушбӯй намояд (ё хушбӯй бимолад). Мақсад аз хушбӯй молидан: агар шахс ба пӯсташ чизеро ки бӯи хуш дорад, бимолад, ин ҷоиз намебошад, зеро он ба пӯст часпида, бӯи худро нигоҳ медорад.